«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
__________Насриддинзода Э.С.
«3» 07 __________соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Азимзода Фирдавс Акбаралӣ зимни омода намудани диссертатсия унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Азимзода Фирдавс Акбаралӣ соли 2002 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2007 аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 марти соли 2021, №33183-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Азимзода Ф.А., санаи 22.04.2022 сол, таҳти № 8/2 зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷаҳонгир дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ

мувофиқи Вандидод» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд.

Имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз 18 марти соли 2024, аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2025, № 11 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

– Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои он аз рӯи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

– Унвонҷӯ мубраммияти мавзуро чунин асоснок намудааст, ки омӯзиш ва пажуҳиши ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод на танҳо ҷанбаи назариявию таърихӣ, балки ҷанбаҳои амалӣ низ дорад. Ниёгони миллати тоҷик на танҳо дар самти осори адабӣ, балки бо таҷрибаи пешрафтаи идораи давлат, санадҳои ҳуқуқии пешқадам ва қонунҳои инсондӯстонаву инсонмеҳвар байни халқҳои аҳди бостон мақом ва мартабаи шоиста доштанд. Ҳарчанд ниёгони мо дар дарозои таърих борҳо мавриди ҳуҷуми аҷнабиён қарор гирифта бошанд ҳам, бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Авесто то замони мо боқӣ мондааст. Авесто куҳантарин асари динӣ, адабӣ ва таърихии тоҷикон, сарчашмаи асосии низомии ҳуқуқии зардуштӣ ва дастури муҳимми рӯзгори

зардуштиён ба ҳисоб меравад. Авесто сарчашмаест, ки дар он муҳимтарин меъёрҳои ҳаёти ҷомеа пешбинӣ шудаанд. Меъёрҳо ва муқаррароти Авесто аз номи Аҳуро Маздо эҷод шуда, ба воситаи асосгузори дини зардуштӣ, яъне паёмбар Зардушт ба ҷомеа паҳн шудааст.

Таълимоти ҳуқуқӣ ва динии Зардушт дар Авесто-и ҷовидон мунъакис гардидааст. Авесто аз 21 қисм таркиб ёфтааст, ки то ба имрӯз 5 қисми он боқӣ мондаанд. Яке аз қисматҳои асосии китоби Авесто Вандидод мебошад, ки дар он масъалаҳои мубрами ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст, ки таҳқиқи илмии он барои такмил ва ғанӣ гардидани назарияи илми ҳуқуқ ва қонунгузории муосири ҶТ судманд мебошад. Вандидод аз ҷумлаи муҳимтарин ва асоситарин сарчашмаи ҳуқуқии зардуштия ё тамаддуни бостонии миллати тоҷик ба рафта, қонуннома ё кодекси ҳуқуқиест, ки омӯзиш ва пажуҳиши он барои илми ҳуқуқшиносии муосир ва ҳар як ҳуқуқшинос хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ибораи дигар, Вандидод ганҷинаи пурасрори ҳуқуқии миллати тоҷик ва кодекси фарогири аксарияти соҳаҳои ҳуқуқӣ буда, ҳанӯз дар аҳди бостон муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайраро танзим менамудаст. Фазои ҳуқуқии аҳди бостон дар баробари дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ маҳз тавассути Вандидод танзим мегардид.

Бино ба андешаи муҳаққиқ, мушкилоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсбарангези назарияи давлат ва ҳуқуқ ба шумор меравад. Аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ бармеояд, ки атрофи масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқотҳои илмӣ хеле камшуморанд.

Унвонҷӯ меъёрҳои ҳуқуқии Вандидодро дар заминаи методҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо дар рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, такмили қонунгузории соҳа ва татбиқу ҳифзи ҳуқуқи инсон метавонанд нақши назаррас дошта бошанд.

Ҳамзамон, унвонҷӯ меъёрҳои ҳуқуқии Вандидодро дар доираи соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, оилавӣ, маданӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи ҶТ таҳлили муқоисавӣ намуда, хулосаю пешниҳодҳои заруриро манзур кардааст.

Мақсади рисолаи илмии муҳаққиқ таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод мебошад ва он имкон медиҳад, ки вижагиҳои хоси мавзуи мавриди назар муайян карда шавад.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– омӯзиши низоми ҳуқуқии зардуштия ва арзишҳои башарии он;

– таҳлили ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштия;

– баррасии Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ;

– ошкор намудани мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ тибқи Вандидод;

– омӯзиши мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод;

– баррасии ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории ҶТ;

– баррасии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории ҶТ;

– таҳқиқи Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ.

Таҳқиқу омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии Вандидро муҳаққиқ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ба роҳ монда, аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисаи давлативу ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ бештар истифода кардааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажӯҳиши ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи меъёрҳои ҳуқуқии Вандидод ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти

диссертатсионӣ дар ҶТ яке аз аввалин таҳқиқи назариявӣ-таърихии мукаммал, низомнок ва фарогир дар робита ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ба шумор меравад.

Натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва навиштани матолиби илмиву пажӯҳишӣ истифода бурд.

– Ҳамзамон аз ҷониби унвонҷӯ Азимзода Ф.А. як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидааст, ки татбиқи онҳо дар амалия аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доранд.

– Теъдоди интишороти нашрнамудаи унвонҷӯ ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферати диссертатсия мутобиқат мекунад.

– Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои ироашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бозгӯ менамояд.

Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи

ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

– Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 4 воситаи таълимӣ, 13 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Азимов, Ф.А., Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Азимов, З.Х. Зокиров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 29-43; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Азимов, Ф.А. Правонарушения и преступления в Видевдате: историко-правовой анализ [Текст] / Ф.А. Азимов // Законодательство. – 2022. – №4 (48). – С. 133-138; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Азимов, Ф.А., Нақши низоми ҳуқуқии зардуштия дар тақвиятёбии ҳуқуқи миллӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №5. – С. 231-239; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Азимов, Ф.А. Вижагиҳои таълимоти ҳуқуқии Вандидод дар пасманзари умумии ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Д.С. Раҳмон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 3 (31). – С. 40-54. ISSN 2414 9217.

**[5-М].** Азимов, Ф.А. Мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод [Матн] / Ф.А. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 68-78; ISSN 2414 9217.

**[6-М].** Азимов, Ф.А. Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Азимов // Қонунгузорӣ. – 2023. –№4(52). – С. 18-27; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Азимов, Ф.А., Мукимов, С.Д. Зӯроварӣ – омили асосии барҳамхӯрии оилаҳо дар ҷомеаи имрӯза [Матн] / Ф.А. Азимов, С.Д. Мукимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 141-144; ISSN 3078-3402.

**[8-М].** Азимов, Ф.А. Мубoризаҳои иттилоотӣ дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, Г. Лашкарбекова, Б.Қ. Саймуродов, М.М. Тоиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2(6). – С. 97-100; ISSN 3078-3402.

**[9-М].** Азимов, Ф.А. Рухсатии меҳнатӣ ва моҳияти он [Матн] / Ф.А. Азимов, М.А. Латифов, С.Д. Мукимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2022. – №2(10). – С. 110-114; ISSN 3078-3402.

**[10-М].** Азимов, Ф.А. Проблемаҳои ҳуқуквайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / Ф.А. Азимов / Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои

башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.09.2021). – Рашт, 2021. – С. 188-192.

**[11-М].** Азимов, Ф.А. Ниҳодҳои ҳуқуқӣ дар Вандидод [Матн] / Ф.А. Азимов / Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба 26-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – Рашт, 2023. – С. 130-133.

**[12-М].** Азимов, Ф.А. Низоми ҳуқуқи зардуштия ва арзишҳои башарии он [Матн] / Ф.А. Азимов / Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 496-501.

**[13-М].** Азимзода Ф.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Азимзода // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт / Бахши илмҳои ҳуқуқ, таърих ва иқтисод. – 2025. – №1 (3). – С. 42-54; ISSN 3079-1758.

**III. Воситаҳои таълимӣ:**

**[14-М].** Азимов Ф.А. Ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни ғайритахассусӣ [Матн] / Ф.А. Азимов, М.Н. Раҷабзода, З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов, С.Д. Муқимов ва диг. / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Рашт, 2023. – 280 с.

**[15-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар *зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода.*– Душанбе: Ашуриён, 2022. – 256 с.

**[16-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: «Ашуриён», 2023. – 320 с.

**[17-М].** Азимов, Ф.А. Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ: нашри аввал [Матн] / Ф.А. Азимов, И.И. Алиев, З.Х. Зокирзода, М.Н. Раҷабзода, Ф.А. Бобохонов, Н.М. Шодизода ва диг. // Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 288 с.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Азимзода Ф.А. аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» таҳқиқоти илмӣ, таърихӣ ва назариявӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА- 018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 28-уми июни соли 2025, № 11 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамаги 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.С.

Имзои Мирализода И.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«02» 07 2025 с.